«Тасдиқ менамоям»
Ректори ДОТП,
профессор Ансорӣ М.Қ.
________________
«15» 05 соли 2024

# ХУЛОСАИ
## Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

**Диссертатсияи Ҳазратқулов Анвар Раҳмонқулович дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

Диссертатсия дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии тоҷикистон)» дар кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент иҷро гардидааст.

Ҳазратқулов Анвар Раҳмонқулович, 02-уми декабри соли 1986 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2009 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯйи ихтисоси менеҷменти тиҷоратӣ хатм кардааст. Солҳои 2008-2010 ҳамчун лаборанти кафедраи математика – информатикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент фаъолият намудааст.

Солҳои 2010-2012 оператори ДОТ дар шаҳри Панҷакент кор кардааст.

Солҳои 2012-2016 сармутахассиси маркази бақайдгирии ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият намудааст.

Солҳои 2016-2020 сардори маркази бақайдгирии донишҷӯёни ДОТ дар шаҳри Панҷакентро ба уҳда дошт.

Аз сентябри соли 2019 то ҳол ба ҳайси ҳамкор - устоди калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунии ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият менамояд.

Солҳои 2020-2023 ҳамчун мутахассис оид ба пайгирии хатмкунандагони ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият намудааст.

Аз октябри соли 2023 то ҳол ба ҳайси роҳбари дастгоҳи иҷроияи ректори ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият менамояд.

Мавзӯи диссертатсияи Ҳазратқулов Анвар Раҳмонқулович дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада аз 31 декабри соли 2019, таҳти рақами №5 тасдиқ гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст.

Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) (06.05.2021) бо баҳои 4 (хуб) дар Академияи милии илмҳои Тоҷикистон, аз фанни таърихи фалсафаи илм (19.05.2022) бо баҳои 5 (аъло) дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос 16.01.2024 бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабов Раҷаб Кӯчакович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта. Бо шумораи 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттесттатсионии назди Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ» хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

**1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия**

Кори диссертатсионии Ҳазратқулов Анвар Раҳмонқулович дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии тоҷикистон)» ба масоили мубрами иқтисодиёти кишвар бахшида шудааст.

Дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои бозорӣ, баланд бардории самаранокии ташкил ва идоракунии корхона барои таъмини болоравии маҳсулнокии меҳнат, истифодаи системаи инноватсионии музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргаронии корхона, ҳамчунин корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ бо назардошти тақвияти рақобат равона карда шудааст.

Таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи инкишофи иқтисодиёт дар умум ва аз он ҷумла соҳаи нақлиёти автомобилӣ дода мешавад ва дар ин асос дар паёми Асосгузори Сулҳу Ваҳдат, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти аҳамиятнокии соҳаи нақлиёти автомобилӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ташкили ҷойҳои кории наву беҳдошти муносибатҳои байниминтақави дастраси нақлиётӣ диққати махсус дода шудааст.

Таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти нақлиёт дар маҷмӯъ ва корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ нишон медиҳад, ки идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, тағйирот дар муносибатҳои моликият, такмил додани усулҳои идоракунии хоҷагӣ ва шароити доимии иқтисодӣ ба ташкили музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарон таъсир расонидааст. Дар чунин шароит нақши

давлат дар танзими иқтисодиёти нақлиётӣ суст шуда, мустақилияти иқтисодии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ баланд шудааст ва рушди муносибатҳо дар самти тамоюли иҷтимоии ҷомеа инчунин, дар соҳаҳои меҳнатӣ ва ҳаётии он тағйиротҳои назаррас ба вуҷуд омаданд. Ҳоло меъёри дифференсиалии музди меҳнат аз хусусият ва фаъолияти кормандон ба вазъияте вобаста аст, ки дар воридшавии тағйиротҳо дар низоми музди меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба вуҷуд омадааст, ки ба назар нагирифтани он омиле мебошад, ки монеаи беҳдошти хизматрасониҳои нақлиётӣ гардад.

Бо назардошти ин такмили системаи муздиҳӣ ва ҳавасмандкунии меҳнат бо истифодаи усулҳои инноватсионии методологӣ ва сохтани низоми ҳозиразамон муҳим буда, он имконият медиҳад, ки хусусиятҳо ва сатҳи корҳои истеҳсолии муайянкунии андозаи музди меҳнати кормандон дар асоси баҳисобгирии кору хизмати нақлиётии расонидашуда, дараҷаи касбии кормандону ронандагон, такмили ихтисоси касбӣ ва фаъолияти меҳнатии онҳо умуман такони ҷиддӣ дода шавад. Дар ин радиф барои мукаммалгардонии низоми ҳавасмандгардонии ҳайати кормандони муассисаи нақлиёти автомобилӣ аз ҳамаи имкониятҳо истифода карда шуда, ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии онҳо дуруст ба роҳ монда шавад. Инчунин зарур аст, ки вазнинӣ ва мураккабии хизматрасонии нақлиётӣ дар раванди такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон ба назар гирифта шавад.

Аз ин лиҳоз, барои ҳалли мушкилотҳои мавҷуда истифодаи механизмҳои инноватсионии такмили системаи музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилиро ҷустуҷӯ кардан лозим аст, ки ба вокуниши бениҳоят тағйирпазир ба омилҳои тағйирёбандаи муҳити беруна ва дохилии корхона имкон медиҳад. Бо назардошти ин актуалӣ будани мавзуи таҳқиқоти Ҳазратқулов А.Р. бебаҳс мебошад.

Рисола бо забони илмӣ навишта шудааст, таҳқиқоти тахассусии ба анҷом расонидашударо ифода менамояд, мақсади кор ба даст омадааст, масъалаҳо дар мувофиқат ба услубҳои интихобшуда ҳал гардидаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳо асоснок карда шуданд.

## 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Кори диссертатсионии Ҳазратқулов Анвар Раҳмонқулович дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии тоҷикистон)» ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи 08.00.12– Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла, ба масъалаҳои музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандони соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи нақлиёти автомобилӣ, ки дар чорчӯбаи Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи 2021 – 2025 равона карда шудааст.

Инчунин мавзӯи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент барои солҳои 2020-2030, иҷро гардидааст.

**4.Навгонии илмии таҳқиқот**

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар аниқ кардани асосҳои назариявӣ ва методологӣ ва асосноккунии пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардони механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ иборат аст.

Натиҷаҳои назаррасе, ки дар рафти таҳқиқот ба даст омадаанд ва навоварии илмии онро ташкил медиҳанд ба муқаррароти зерин ҷудо мешаванд:

1. Ҷанбаҳои назариявии моҳияту мафҳуми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, инчунин асосҳои методии ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар асоси таснифот гузаронида шуд ва намудҳои асосии пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнатии кормандон бо назардошти вазифаи музди меҳнат инкишоф ёфтаанд, ки аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии онро дар рушди муносибатҳои бозорӣ бо назардошти ҷузъҳои муҳимтарини татбиқи меҳнат ва арзёбии мураккабии он дар корхонаҳои амалкунанда инъикос мекунанд. Хусусиятҳои пардохт ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои кӯҳии истихроҷи маъдан дар шароити бозор дар асоси асосноккунӣ ва ҳисоб кардани маоши асосии коргарони гурӯҳҳои гуногуни функсионалӣ, ки дар шароити мураккаби истихроҷи маъдан кор мекунанд. Бо ин назардошт пардохтҳои мушаххаси иловагӣ ва имтиёзҳо, низоми мукофотпулӣ ва зариби минтақавӣ дар корхонаҳои истихроҷи маъдан дар шароити тағйирёбандаи бозор ва инчунин, саҳми коргарон дар тақвияти нақши корхонаҳои истихроҷи маъдан дар таъмини рушди иқтисодӣ ва рушди минтақаҳо муайян шуданд.

2.Таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи пардохти меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат омӯхта шуда ва дар асоси он стратегияи рушди низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар асоси коркардҳое, ки дар муқоиса бо миқёси тарофаҳо мукаммал буда, имкониятҳои истифодаи захираҳои молиявие, ки аз тафриқаи музди меҳнат ба вуҷуд меоянд дар якҷоягӣ бо афзоиши таъсири ҳавасмандкунанда дар корхонаҳо дида баромада шудааст.

3. Дар асоси таҳлил ба арзёбии вазъи кунунӣ ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбӣ намудани низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, гузаронида шуда, мушкилотҳои асосии мавҷуда дар заминаи афзоиши нақши онҳо дар амалисозии Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030 муайян карда шудааст. Таҳлили ҳолати механизмҳои татбиқшавандаи пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, монеаҳо муайян карда шудаанд ва роҳҳои бартараф кардани онҳо дар шароити нав мушаххас карда шуданд.

4. Дар асоси таҳлил арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ гузаронида шуда, механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунӣ дар асоси арзёбии омилҳое, ки таъсири онҳо ба сатҳи ҳавасмандгардонӣ дар шароити рақобат гузаронида шудааст пешниҳод гардидааст.

5. Шарти муҳимтарин ҳангоми мукаммалгардонии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба назар гирифтани муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба ҳисоб меравад, ки он бо назардошти талаботи муосир ба хизматрасониҳои нақлиётӣ ва пардохти музди меҳнати ронандагон аниқ карда шудааст.

6. Самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми ҳавасмандгардонии меҳнат ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани он дар корхонаҳо дар асоси мукаммалгардонии пардохти музди меҳнатӣ кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ бо истифодаи низоми грейдҳо пешниҳод шудааст, ки қисматҳои зеринро дар бар мегиранд:

а) коркарди усулҳо ва алгоритмҳои стандартии арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи самаранокии фаъолияти меҳнати кормандон бо дар назардошти сатҳи касбӣ ва сифатҳои кории онҳо мураккабии вазифаҳои иҷрошаванда ва натиҷаи ба дастомада;

б) арзёбии самаранокии меҳнати кормандон, ташкили низоми самараноки пардохт ва ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнати онҳо;

в) дарёфти нишонаҳои асосии умумии намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ҳангоми рушди низоми пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон;

д) баҳодиҳии ҳамаҷонибаи самаранокии кормандон бо дар назардошти хусусиятҳои сатҳҳои хос аз рӯи унсурҳои асосӣ дар асоси истифодаи низоми грейдерии музди меҳнати кормандон дар корхонаҳои нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назардошти баланд бардоштани сифати қувваи корӣ истифода кардан мумкин аст.

**Муқаррароти асосии таҳқиқот, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад.**

Ба ҳимоя чунин натиҷаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии тадқиқот пешниҳод карда мешаванд:

- ҷабҳаҳои назариявии моҳияту мафҳуми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, инчунин асосҳои методии ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ омӯхта шуда, аниқ карда шудаанд;

- таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар соҳаҳои иқтисодиёт дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ омӯхта шуда, бартарияти истифодаи он баҳо дода шудааст;

-таҳлили вазъи кунунӣ ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шуда, арзёбӣ намудани низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ сурат гирифтааст;

- арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ гузаронида шудааст;

- муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ таҳқиқ карда шудааст;

- самтҳои асосии ҳавасмандгардонии меҳнат ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани он дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мукаммалгардонии пардохти музди меҳнатӣ кормандон дар асоси истифодаи низоми грейдҳо коркард карда шудааст.

**5. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 9 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

***А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:***

[1-А]. Баҳодиҳии усулҳо ва тарзҳои ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муосир /А.Р.Ҳазратқулов //Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2021, №4/2(39). - С. 203-208.

[2-А]. Баҳодиҳии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Раҷабов Р.К., Ҳазраткулов А.Р. //Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2022 №4/2(44).- С. 7-13.

[3-А]. Истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнати кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ / Раҷабов Р.К., Ҳазратқулов А.Р. // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2024 №2.- С. 159-166.

[4-А]. Муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ /Ҳазратқулов А.Р. // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2024 №5.- С. 109-116.

***Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия*:**

[5-А]. Нақши нақлиёт дар рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Ҳазратқулов А.Р. //Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии апрелии донишҷӯён, магистрантҳо ва устодон. – Панҷакент:«ДОТП», 2018.-С. 207-212

[6-А]. Исследование спроса и предложения на рынке транспортных услуг/ Ҳазратқулов А.Р.// Маводи анҷумани илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи “Технология ва инноватсияи таълими касбӣ-техникӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” 4-6 июни соли 2018. – Панҷакент: «ДОТП», 2018. – С. 419-423.

[7-А]. Модель выбора эффективных форм финансово-кредитной поддержки предприятий малого и среднего предпринимательства /Ҳазратқулов А.Р. //Паёми донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент. – 2019, №1/2, - С. 555-559.

[8-А]. Перспективы развития приграничной торговли в Горно-Бадахшанской автономной области в условиях всемирной торговой организации /Хазраткулов А.Р. //Паёми донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент. – 2019, №2,С. 742-746.

[9-А].Такмили механизми ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар шароити рақамикунонӣ/ А.Р.Ҳазратқулов//Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: “Масоили омодасозии кадрҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”(22.05.2024):-Душанбе:ДДТТ, 2024

**6. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии тоҷикистон)” дар ҷараёни таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои алоҳидаи нақлиётӣ метавон истифода бурд.

**7. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсадҳои предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои мукаммалгардонии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Ҳазратқулов Анвар Раҳмонқулович дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии тоҷикистон)» ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.12– Иқтисодиёти меҳнат; тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К.; баромади аъзоёни даъватшудаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон докторони илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷабборов А.Ҷ., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Зубайдов С., баромади доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Наҷмиддинов Ф.Н. дар асоси овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Ҳазратқулов Анвар Раҳмонқулович

**қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Ҳазратқулов Анвар Раҳмонкулович дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12– Иқтисодиёти меҳнат ҷавобгӯ ба талаботи муқаррargардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | 15 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар маҷлиси кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент аз 10 майи соли 2024, протоколи №9 қабул шудааст.

**Раис:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ**
**ва идоракунии Донишкадаи омӯзгории**
**Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент,**
**д.и.и., дотсент** **Наҷмиддинов Ф.Н.**

**Котиб:**
**устоди калони кафедра** **Абдусолеҳова М.**

**Суроғаи донишкада:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735500, вилояти Суғд, ш.Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 106,
Саҳифаи интернетӣ: www.dotpanj.tj
Телефон: (992 3475) 54050
E-mail: tou @ bk.ru

Имзои "Наҷмиддинов Ф.Н. ва Абдусолеҳова М."-ро тасдиқ менамоям,
**Сардори шуъбаи кадрҳо** **Қурбонов М.Л.**